# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-035 дар назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикстон ба диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи "Фаъолияти "Биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07. 00. 02 - Таърихи ватанӣ.

Комиссияи экспертӣ дар ҳайатӣ доктори илмҳои таърих Иброҳимов М.Ф., (раис), доктори илмҳои таърих Қобилова Б.Т., (аъзо) доктори илмҳои таърих Ҳусайнов А.Қ., (аъзо) оид ба рисолаи пешниҳодшуда ба чунин хулоса омад:

Диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи "Фаъолияти "Биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст, барои дифоъ тавсия карда мешавад.

Мубрамияти мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки омӯзиши таҷрибаи замони гузашта дар татбиқи нақшаҳои имрузаи Ҳукумати Тоҷикистон метавонанд чун таҷрибаи таърихӣ кумак намоянд. Дар шароити татбиқи чаҳор ҳадафи стратегии кишвар, ба инобат гирифтани таҷрибаи замони индустрикунонӣ ва коллективонии хоҷагии халқи мамлакат, ба андешаи мо, хеле муфид хоҳад буд.

Дар замони истиқлолияти давлатӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чаҳор ҳадафи стратегии хешро эълон намуд, ки онҳо иборатанд аз: таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳой аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар мебошад. Барои татбиқи ин барномаҳои бузург ва самаранок истифода бурдани замин ва идоракунии ин раванд таҷрибаи биступанҷҳазориён ва сарпарастони солҳои 1930-ум, ки он замон тавонистанд дар иқтисодиёти Тоҷикистон инқилоб ба амал оранд, метавонад муфид бошад.

Нақшаи рисола ва бобу зербобҳои он мушаххас буда, бо риояи муқаррароти илмӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудаанд. Номи бобу зербобҳо ба номи дисертатсия мувофиқат карда, паҳлӯҳои гуногуни мавзӯъро баррасӣ намудаанд. Ҳамаи бобу зербобҳо ба хулосаву натиҷагириҳои илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Мавзӯъи мазкур дар таърихнигории миллӣ падидаи нав мебошад. Навоварии илмии рисола дар он аст, ки он раванди ба Тоҷикистон омадан ва бо кор таъмин шудани "биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст нишон дода шуда, саҳми онҳо дар рушди саноати кишвар муайян шудааст. Дар рисола нақши "биступанҷҳазориён" дар рушди соҳаи аграрии Тоҷикистон инъикос гашта, бори аввал ба муомилоти илмӣ маводи нави бойгонӣ ворид мешавад, ки саҳми "биступанҷҳазориёнро" дар равандҳои саноатикунонӣ, сохтмони колхозӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар ҷумҳурӣ, бахусус дар водии Вахш, инъикос намудаанд, хусусиятҳо ва мушкилоти ин марҳила муайян карда шудааст.

Автореферати муаллиф ба талаботи кори илмӣ мувофиқ буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтааст ва ба чоп тавсия дода мешавад.

Мазмуни асосии рисола дар 7 мақолаи унвонҷӯ, аз ҷумла чор мақола дар маҷалаҳои илмие, ки ба феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, баён шудааст.

Диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи "Фаъолияти "Биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)", аз рӯи натиҷаҳои ба дастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07. 00. 02 - Таърихи ватанӣ арзанда аст.

**Дар умум, вобаста ба диссертатсияи зикршуда комиссияи экспертӣ ба чунин қарор омад:**

1. Диссертатсияи Мирзоев Ғолибшо Шарифович дар мавзӯи "Фаъолияти "Биступанҷҳазориён" ва бригадаҳои сарпараст дар Тоҷикистон (солҳои 1929-1941)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ тавсия карда мешавад.

2. **Ба сифати муқарризони расмӣ пешниҳод мешаванд:**

А) Набиев Ваҳҳоб Машрафович, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷик ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.

Б) Артиков Абдурафик Абдурахмонович, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи Славянии Тоҷикистону Россия.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** Донишгохи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон пешниҳод мешавад.

4. Ба нашри автореферати диссертатсия ба миқдори 100 нусха иҷозат дода шавад.

5. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимояи диссертатсия дар сомонаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих** **Иброҳимов М.Ф..**
**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои таърих** **Қобилова Б.Т.**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор** **Ҳусайнов А.Қ.**

*Имзоҳоро тасдиқ менамоям:*
*Сардори шуъбаи кадрҳои*
*Институти таърих, бостоншиносӣ*
*ва мардумшиносии ба номи*
*Аҳмади Дониши АМИТ* *Файзуллоева Г.Қ.*

27.10.22.